Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.2014, №15/7 тасдиқ шудааст.

**НИЗОМНОМА дар бораи навбатдории маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.2. Низомнома дар бораи навбатрдории маъ- мурияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (минбаъд- Низимномаи навбатдории маъмурият) бо мақсади ба роҳ мондани низом ва тартиби қатъӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ таҳия гардида, вазифа, уҳдадорӣ, ҳуқуқ ва масъулияти навбатдорро аз ҳисобй маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян менамояд.

1.3. Навбатдории маъмурият аз ҳисоби шахсони зерин таъйин карда мешавад:

-директори муассисаи таҳсилоти умумӣ;

- муовини директор оид ба корҳои таълим;

- муовини директор оид ба корҳои гарбияв;

- муовини директор оид ба корҳои хоҷагӣ;

-омӯзгори омодагии ибтидоии ҳарбӣ.

1.4. Навбатдории маъмурият тибқи ҷадвал, ки онро барои соли таҳсили равон роҳбари муассисаи таълимӣ тасдиқ менамояд, ба роҳ монда мешавад.

1.5. Навбатдор фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсати маорифи ВМКБ, вилояти Суғд, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, Оинномаи муассисаи таҳсилоти умумӣ, ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

## 2. ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ А СОСИИ НАВБАТДОР

2.1. Навбатдор уҳдадор аст:

- соати $7^{30}$ омадан ба муассисаи таълимӣ ва назорати омодагии таълимгоҳ ба раванди машғулиятҳои таълимӣ;

- таъмини тартибот ва нигоҳдории моликияти муассисаи таълимӣ дар давоми рӯзи корӣ;

-таъмини низом ва тартиби зарурӣ дар байни хонандагон;

- зери назорати қатъӣ қарор додани навбатдории омӯзгорон ва синфҳои навбатдор дар муассисаи таълимӣ;

-ба директори муассисаи таълимӣ оид ба вайронкунии реҷаи рӯз ва дигар вайронкунандагони тартибот хабар расонидан;

- ҳаллу фасли фаврии ҳама масъалаҳои зарурӣ, ки дар давоми рӯз дар робита ва фаъолияти муассисаи таълимӣ ба миён меоянд;

- якҷоя бо роҳбарони синф, муаллимони навбатдор дар давоми рӯз ба роҳ мондани назорат аз болои риояи уҳдадориҳои хонандагони синфи навбатдор дар постгоҳҳо;

-амалӣ намудани нақшаи тахлия (эвакуатсия) ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда, таркиш ва таҳдиди амалҳои террористӣ;

- ҷавобгарӣ барои тартибот ва низоми таълиму тарбия дар муассисаи таълимӣ то анҷоми машғулиятҳои таълимӣ.

## 3. ҲУҚУҚҲОИ НАВБАТДОР

3.1 .Навбатдор ҳуқуқ дорад:

- ба хонандагон худсарона тарк намудани муассисаи таълимиро дар давоми машғулиятҳо, инчунин ҳангоми рух додани ҳодисаҳои фавқулодда, ё ки тахдиди амалҳои террористӣ манъ намояд.

3.2. Навбатдор ҳуқуқ надорад, ки дар давраи навбатдориаш бе розигии директори муассисаи таълимӣ ва муовинони вай муассисаи таълимиро тарк кунад.

## *4. ҶАВОБГАРИИ НАВБАТДОР*

***4.**1. Навбатдор ҷавобгар аст:

-барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани вазифаҳое, ки тибқи Низомнома ба уҳдаи ӯ гузошта шудааст;

-барои сари вақт иҷро накардани нақшаи тахлия (эвакуация), ҳангоми рух додани ҳодисаҳои фавқулоддаё таҳдиди амалҳои террористӣ;

- нодуруст ва нопурра истифода бурдани ҳуқуқҳои ба вай додашуда.